# Семинари омӯзишӣ дар мавзуи забони тоҷикӣ дар ноҳияи Дарвоз

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 14 Октябр, 2025 - 17:12
[1]

Рӯзи 14 октябр тибқи нақшаи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки раиси Кумита Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло, муовини раиси ноҳияи Дарвоз Сафарзода Хушбахтшо дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 бо иштироки кормандони дастгоҳи раиси ноҳия, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, кормандони шуъбаи маориф, раисони ҷамоатҳои деҳот, сардорони идораву муассисаҳо, директорони муассисаҳои таълимӣ семинари омӯзишӣ дар мавзуъҳои забони тоҷикӣ ва "Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ" баргузор карда шуд. Дар семинари омӯзишӣ аз ҷониби раиси Кумита вобаста ба масъалаҳои омӯзишӣ санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ, риояи имлои забони давлатӣ, ҳифзу гиромӣ доштани муқадасоти миллӣ, номгӯзории дуруст ба тифлакон аз ҷониби волидайн, одобу ахлоқи ҳамидаи инсон, ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба риояи дурусти забони давлатӣ сӯҳбат намуданд. Ҳамзамон, аз ҷониби Кумита ба иштирокчиёни семинар барои пешбурди дурусти коргузорӣ китобу дастурҳои методӣ дастрас карда шуд. Дар идомаи семинар як чанд нафар бо ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шуданд.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** Select rating
Баҳои миёна: 5 (3 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

[3]

-

[4]

-

[5]

-

[6]

-

[7]

-

**Манбаъ::**https://istilohot.tj/tg/content/seminari-omuzishi-dar-mavzui-zaboni-tochiki-dar-nokhiyai-darvoz?page=56

**Пайвандҳо**
[1] https://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/564715508_1221769657704623964244162273927612628_n.jpg [2] https://istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/559759299_122176965866462396_5549844056129083760_n.jpg [4] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/560281529_122176966166462396_5577433304395502485_n.jpg [5] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/561313323_122176965824462396_1222507647509651123_n.jpg [6] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/564595399_122176965908462396_7152996315806636519_n.jpg [7] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/564715508_122176965770462396_4244162273927612628_n.jpg